ХУЛОСАИ

шурои диссертатсионии 6D.КОА-039 назди Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ

Парвандаи аттестатсионии № ____

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 10 июли соли 2026, №9

Барои сазовор донистани Исвалиев Сино Мирзоназарович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ.

Диссертатсия дар мавзуи «Таъсири Bacillus subtilis ба зоҳиршавии аксуламали ғайрихоси аллергии туберкулинӣ» аз рӯйи ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо заҳрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ) ба ҳимоя 28 апрели соли 2026 қабул карда шуд, протоколи №22 шурои диссертатсионии 6D.КОА-039 назди Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон (АИКТ). Суроға: 734005, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Қаҳҳоров, 43; тел. (992) 37-2275192 //E-mail:iveterinari@mail.ru, ки бо фармони Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (№135/шд аз 29 майи соли 2023) тасдиқ шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Исвалиев Сино Мирзоназарович 12 декабри соли 1985 дар ноҳияи Ҳамадонӣ таваллуд шудааст. Соли 2008 факултети тибби ветеринарии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемурро бо ихтисоси «духтури ветеринарӣ» хатм кардааст.

Исвалиев С.М. айни замон ба ҳайси омӯзгори калони кафедраи анатомия ва гистологияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар кафедраи микробиология ва эпизоотологияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур иҷро шудаасат.

Роҳбари илмӣ – Раҳматзода Наҳтулло Раҳмат, доктори илмҳои биологӣ, мудири кафедраи микробиология ва эпизоотологияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур.

Муқарризони расмӣ:

Саторов Саидбег - доктори илмҳои тиб, профессори кафедраи микробиология, вирусология ва имунологияи Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон;

Назруллозода Сулаймон Ҳабиб - номзади илмҳои ветеринарӣ, муовини директор оид ба илм, таълим ва тайёр кардани кадрҳои илмии Институти тибби ветеринарии АИКТ ба диссертатсия тақризи мусбат додаанд.

Муассисаи пешбар: Институти масоили амнияти биологӣ ва биотехнологияи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон дар хулосаи мусбати худ, ки аз тарафи мудири шуъбаи биотехнологияи истеҳсоли маводи ветеринарии Институти масоили амнияти биологӣ ва биотехнологияи АИКТ, н.и.в. Насруллоев И.Х. имзо ва аз ҷониби директори муассиса, д.и.в. Абдуллоев А.О. тасдиқ шудааст, қайд шуд, ки кори диссертатсионии Исвалиев С.М. аз рӯйи муҳтавою навоварии илмӣ, сатҳи методологӣ ва аҳаммияти амалӣ ба талаботе, ки ба рисолаҳои номзадӣ дар ихтисоси зикршуда муроҷиат мешавад, пурра мувофиқ аст.

Номзад **20 корҳои илмии чопшуда** дорад, ки дар онҳо мавқеъҳои асосии диссертатсия баён шудаанд, аз ҷумла **5 мақола** дар маҷаллаҳое, ки аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия дода шудаанд, нашр гардидаанд. Ҳиссаи муаллиф зиёда аз 85%-ро ташкил медиҳад. Мақолаҳо муҳимтарин натиҷаҳои асосии тадқиқотро дар мавриди омӯзиши эпизоотоология, ташхис ва ташхиси тафриқавии бемории сили чорвои калони шохдор ва чораҳои мубориза бо он, фаъолнокии бактерияҳои антагонист нисбат ба микобактерияҳои сил ва микобактерияҳои ғайрисилӣ инъикос мекунанд.

Номгӯйи мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд:

[1-М] Исвалиев С.М. О взаимосвязи туберкулеза человека и животных. / А. Хабибов, Н. Ярбаев, С.А. Расулов, Ш.Р. Шукуров, С. Исвалиев // Доклады ТАСХН. 2019. №1. С. 69-71.

[2-М] Исвалиев С.М. Причины сенсибилизации крупного рогатого скота к туберкулину в хозяйствах Хатлонской области / Ш.Р. Шукурзода, С. Исвалиев, Н.Я. Ярбаев, А. Хабибов, С.А. Расулов // Доклады ТАСХН. 2019. № 3. С. 48-50.

[3-М] Исвалиев С.М. Определение бактериостатической активности пробиотика лаксубтил по отношению к атипичным микобактериям /Н.Р. Раҳматзода, С.М.Исвалиев // Кишоварз. 2023. 2 (99). С.116-117.

[4-М] Исвалиев С.М. Усулҳои муосири ташхиси тафриқи бемории сили чорвои калони шохдор/ С.М. Исвалиев Кишоварз. 2023. 3 (100) С.86-87.

[5-М] Исвалиев С.М. Фаъолнокии бактерияи антагонист нисбат ба микобактерияи туберкулёз. /И. Сатторӣ, Н.Р. Раҳматзода, Н. Ярбаев, С.М. Исвалиев // Гузоришҳои академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон-2025. №2 (84) С. 110-116.

Мақолаҳои дар дигар маҷалаҳои даврӣ нашргардида:

[6-М] Исвалиев С.М. Ликвидация туберкулёза животных-обеспечение биологической безопасности / Н. Ярбаев, С.М. Исвалиев //Сборник материалов конференции. Самарканд. 2011. С. 325-327.

[7-М] S. Isvaliev Tuberculosis elimination in animals ensures biological safety / N. Yarbaev, S Isvaliev// «Veterinary Problems of Central Asia-Food Security The Use of Modern Ways of Diagnostics and Prophylaxis of Infectious Diseases of Animals», 2011. С.15-16.

[8-М] Исвалиев С.М. Механизация аллергического метода диагностики туберкулёза крупного рогатого скота/ Н. Ярбоев, Д.М. Мирзоев, А.Х. Хабибов, С.М.Исвалиев.// Маҷмӯи мақолаҳои конференсияи илмӣ-амалии байнилмилалии: «Инноватсия- асоси тараққиёти кишоварзӣ»- Душанбе, 2011. С.307-309.

[9-М] Исвалиев С.М. Неспецифические аллергические реакции у крупного рогатого скота в благополучных хозяйствах. / А. Хабибов, Н. Ярбаев, Ш.Р. Шукуров, С. Исвалиев, И. Саттори //Сборник научных трудов конференции, посвященной 70-летию профессора Н.Я Ярбаева-Душанбе, 2017. С. 29-32.

[10-М] Исвалиев С.М. Изучение бактериостатической активности Вас. subtillis в отношении штаммов микобактерии туберкулеза и атипичных микобактерии / А.Х. Хабибов, И. Саттори, А. Шарипов, Ш.Р. Шукуров, Н. Ярбаев, С.М. Исвалиев // Сб. научных трудов конференции, посвященной 70-летию профессора Н.Я. Ярбаева -Душанбе, 2017. С. 27-29.

[11-М] Исвалиев С.М. Изучение культурно-морфологических биологических свойств атиипичных микобактерии// Н.Я. Ярбоев, Қ. Нурмадов, С.М. Исвалиев// Маҷмӯи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «Масъалаҳои ҳалталаби пешгирӣ ва муолиҷаи бемориҳои ҳайвонот»- Душанбе. 2017. С. 17-21.

[12-М] Исвалиев С.М. Изучение патогенных и сенсибилизирующих свойств атипичных микобактерии на лабораторных животных / Н.Я. Ярбоев, Қ. Нурмадов, С.М. Исвалиев// Маҷмӯи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «Масъалаҳои ҳалталаби пешгирӣ ва муолиҷаи бемориҳои ҳайвонот»- Душанбе, 2017. С. 21-27.

[13-М] Исвалиев С.М. Примение препарата субтилбен при неспецифических аллергических реакциях на туберкулин / А. Шарипов, И. Саттор, А.Хабибов, Ш. Шукуров, С.М.Исвалиев // Масаълаҳои муҳими пешгирӣ ва табобати касалиҳои ҳайвонот- Душанбе, 2017. С.114-115.

[14-М] Исвалиев С.М. К вопросу при неспецифических аллергических реакциях на туберкулин / А. Шарипов, И Саттори, Н Ярбаев, А.Х. Ҳабибов, Ш. Шукуров, С.М. Исвалиев // Масаълаҳои муҳими пешгирӣ ва табобати касалиҳои ҳайвонот- Душанбе, 2017. С.116-117.

[15-М] Исвалиев С.М. Значение ветеринарно-санитарного состояния ферм в эпидемиологии туберкулеза. / Н. Ярбаев, А. Хабибов, С. А. Расулов, Ш. Р. Шукуров, С. Исвалиев // Научно-практическая республиканская конференция “Современные методы борьбы по инфекционным и инвазионным болезням животных” Душанбе, 2018. С. 55-58.

[16-М] Исвалиев С.М. Патологоанатомическая диагностика туберкулёза/ Н.Я. Ярбаев, М.С. Зоиров, А.Х. Ҳабибов, Ш. Шукуров, С.М. Исвалиев // Сборник статей Республиканской научно-практической конференции «Обеспечение продовольственной безопасности и доступ населения страны к качественному питанию»- Душанбе, 2019 С.8-15.

[17-М] Исвалиев С.М. Омӯзиши таъсири фаъолнокии бактериостатӣ ва бактерисидии маводи пробиотикии лаксубтил нисбат ба барангезандагони микобактериозҳо/ Н.Р. Раҳматзода, С.М. Исвалиев, Ҳ.М. Рабиев, Ё.Б. Шоимардонов // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ: «Самаранокии парвариши чорвою паранда ва нақши тибби ветеринарӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». 29 – 30 майи соли 2023. С.115-117.

[18-М] Исвалиев С.М. О применении щелочного раствора формальдегида для дезинфекции при туберкулёзе/ Н.Я. Ярбаев, С.М.Исвалиев //Маҷмӯи мақолаҳои илмӣ конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Нақши тадбиқи имкониятҳои инноватсионӣ дар ҳалли мушкилотҳои соҳаи кишоварзӣ, маориф ва илм» - Душанбе. 2024. С. 117-119.

[19-М] Исвалиев С.М. Сироятҳои микобактериявии инсон ва усулҳои муолиҷаи онҳо/ Н.Р. Раҳматзода, А. Ҳабибов, С.М. Исвалиев, Ҳ.М. Рабиев // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ: «Усулҳои самараноки ташхис ва мубориза бар зидди бемориҳои сироятию инвазионии ҳайвонот». 24 майи соли 2024. С. 119-122

[20-М] Исвалиев С.М. Навъҳои сариран муҳими микобактерияҳои ғайрисилӣ ва хусусиятҳои иллатзойии онҳо/ Н.Р. Раҳматзода, Ҳ.И. Раҷабов, Ҳ.М. Рабиев, С.М. Исвалиев // Маводи конференсияи

ҷумҳуриявии илмию амалӣ: «Усулҳои самараноки ташхис ва мубориза бар зидди бемориҳои сироятию инвазионии ҳайвонот». 24 майи соли 2024. С. 201-208.

Ба автореферати диссертация 7 адад тақризҳои мусбат аз ҷониби олимону мутахассисони зерини соҳа ворид шудаанд:

1. Доктори илмҳои биологӣ, узви вобаста АИКТ, муовини Президенти АИКТ **Амиршозода Ф.С.** дар тақриз (тақриз бо забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст) автореферати диссертатсияро мусбат арзёбӣ намудааст;

2. Номзади илмҳои ветеринарӣ, директори Институти тибби ветеринарии АИКТ **Атовуллозода Р.А.** (тақриз бо забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст), доир ба дастоварду комёбиҳои муаллифи рисола андешаҳояшро иброз намуда, онро мусбат арзёбӣ намудааст;

3. Номзади илмҳои ветеринарӣ, дотсент, мудири кафедраи беҳдошти ветеринарии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур **Иматшоев И.Х.** ба автореферати диссертатсия тақриз навиштааст (тақриз бо забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст), тақриз мусбат арзёбӣ гардидааст;

4. Номзади илмҳои биологӣ, ходими калони илмии Институти зоология ва паразитологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон **Искандаров Ф.М.** ба автореферати диссертатсия тақриз навиштааст (тақриз бо забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст), доир ба дастоварду комёбиҳои муаллифи рисола андешаҳояшро иброз намуда, онро мусбат арзёбӣ намудаанд;

5. Номзади илмҳои тиб, дотсент, мудири кафедраи микробиология, вирусология ва иммунологияи Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон **Мирзоева Ф.Д.** (тақриз бо забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст), тақриз мусбат арзёбӣ гардидааст;

6. Номзади илмҳои биологӣ, мудири кафедраи физиологияи одам ва ҳайвонот ба номи академик Сафаров Ҳабиб Муродовичи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Ахмедов Д.М.** ба автореферати диссертатсия тақриз навиштааст (тақриз бо забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст), тақриз мусбат арзёбӣ гардидааст;

7. Номзади илмҳои биологӣ, мудири кафедраи экологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Бутаев М.Қ.** (тақриз бо забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст), тақриз мусбат арзёбӣ гардидааст.

Тақризҳои пешниҳодшуда мусбат буда, муқарризони ғайрирасмӣ муҳиммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ, навоварӣ ва дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид кардаанд. Муайян карда мешавад, ки рисолаи илмии Исвалиев С.М., ки ба ихтисоси 4.3.2.

Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо захрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ) мувофиқ аст ва муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевосита дар соҳаи илми тибби ветеринарӣ буда, дар корҳои илмию тадқиқотӣ фаъолона иштирок карда, дар ин самт мақолаҳои зиёде таълиф намудаанд, ки мазмун ва муҳтавои онҳо ба диссертатсияи мазкур наздикӣ дорад.

Муассисаи пешбар яке аз муассисаи бонуфуз дар назди Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ба шумор рафта, бо мутахассисони варзидаи худ дар самти таҳқиқу таҳлили масоили бемориҳои сироятии ҳайвонот маъруф мебошад.

Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Исвалиев С.М. дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ дар мавзуи «Таъсири Bacillus subtilis ба зоҳиршавии аксуламали ғайрихоси аллергии туберкулинӣ» як қатор масъалаҳо пешкаш карда шуданаанд:

коркард карда шуд: Бо мақсади омӯзиши хусусиятҳои ҳассосгардонандаи (сенсибиликунандаи) микобактерияҳои ғайрисилӣ тадқиқи аллергии гӯсолаҳо бо истифодаи СХТ-туберкулин ва АММҒ пас аз 21 рӯзи сирояткунӣ, сипас ҳармоҳа тадқиқи аллергӣ бурда шуд. Забҳи ташхисии гӯсолаҳои дар зери таҷриба қарордошта, баъди 3 моҳ гузаронида шуд.

Тадқиқи патологоанатомии ҳайвонот тибқи услуби аз ҷониби умум қабулшуда гузаронида шуд. Бо мақсади муайян намудани устувории микобактерияҳои ҷудонамуда нисбат ба таркибҳои пробиотикӣ, ҳассосияти доругии онҳо нисбат ба таркибҳои пробиотикии лаксубтил ва субтилбен омӯхта шуд.

Дар тадқиқоти гузаронидашуда ба сифати моддаҳои таъсирбахш хайлҳои Bac. Subtilis BS TJ 09 ва TJ D26 истифода бурда шуд.

Дар кор хусусиятҳои антагонистии лаксубтил дар шакли ҳаб дар асоси хайлҳои Bac. subtilis тибқи нақшаи зерин омӯхта шуд.

пешниҳод шудааст: барои хоҷагиҳои мусоиди ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ усули такмилёфтаи гузаронидани санҷиши симултании туберкулинӣ бо истифода аз СХТ-туберкулин барои ширхӯрон ва АММҒ, инчунин хусусиятҳои иллатзойӣ ва ҳассосгардонӣ (сенсибилизатсия)-и микобактерияҳои ғайрисилӣ дар ҳайвоноти озмоишгоҳӣ ва чорвои калони шохдор пешниҳод гардидаанд. Дар асоси натиҷаҳои

тадқиқот тавсияҳои методӣ ҷиҳати баланд бардоштани дақиқии ташхиси тафриқавии бемории сили чорвои калони шохдор таҳия ва пешниҳод карда шуданд.

исбот карда шуд: вобастагии пайдоиши аксуламалҳои ғайрихос ба мавҷудияти микобактерияҳои ғайрисилӣ дар муҳити хоҷагиҳо афзалияти ташхиси симултанӣ нисбат ба санҷиши анъанавии туберкулинӣ, инчунин муайян намудани таъсири ҳайлҳои Bacillus subtilis ба зоҳир гардидани аксуламалҳои ғайрихоси аллергенӣ нисбат ба СХТ-туберкулин исбот гардид.

ҷорӣ намудани санҷиши симултанӣ бо СХТ -туберкулини барои ширхӯрон муқарраршуда ва АММҒ дар хоҷагиҳои мусоид, ки дар онҳо сенсибилизатсияи ҳайвонот бо микобактерияҳои ғайрисилӣ муқаррар карда, соҳиби моҳияти калони ташхисӣ ва хусусиятҳои тафриқабандӣ мебошанд. Муқаррар карда шуд, ки микобактерияҳои ғайрисилӣ боиси пайдо шудани ҳолати аллергӣ нисбат ба туберкулин дар хоҷагиҳои оид ба бемории сил гардад. Дар хоҷагиҳои тадқиқшудаи ҷумҳурӣ микобактерияҳои атипии гурӯҳи IV тибқи таснифоти Ранон ҷудо карда шуд. Аз се хайлҳои санҷидашудаи микобактерияҳои ғайрисилӣ: M. phlei, M. smegmatis ва M. fortuitum қобилияти сенсибилизатсиякунии организми гӯсолаҳоро дошта, метавонанд дар онҳо боиси аксуламалҳои мусбати аллергӣ нисбат ба аллергени комплексии микобактерияҳои ғайрисилии АММҒ гарданд. Муайян карда шуд, ки истифодаи пробиотики лаксубтил имконият медиҳад, ки аксуламалҳои ғайрихоси аллергиро нисбат ба туберкулин аз байн барад. Хайлҳои B S TJ 09 ва B5 TJ D26 барои гӯсолаҳо иллатзо нестанд ва нисбат ба микобактерияҳои ғайрисилӣ таъсири баланди зиддибактериявӣ зоҳир мекунанд.

Аҳаммияти назариявии тадқиқ бо он асоснок карда шудааст, ки: ҳаҷми кофии маводи тадқиқотӣ таҷрибаҳо гузаронидашуда, таҳлили ҳамаҷонибаи натиҷаҳои бадастомада ва интишори онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда асоснок карда шудааст. Хулосаҳо ва тавсияҳои амалӣ ба таҳлили илмии натиҷаҳои тадқиқот мутобиқ буда, пурра ба маълумоти таҷрибавии бадастомада такя мекунанд.

Маводи диссертатсионӣ метавонад дар такмили ихтисоси мутахассисони соҳаи ветеринарӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ, ҷиҳати ташхиси дақиқ ва саривақтии бемории сил, инчунин дар раванди таълим ҳангоми гузаронидани дарсҳо аз фанҳои эпизоотология ва микробиология дар факултети тибби ветеринарии Донишгоҳи аграрии

Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур мавриди истифода қарор дода шавад.

Дар маҷмӯъ, тадқиқоти анҷомдодашуда ба омӯзиши вазъи эпизоотии бемории сили чорвои калони шохдор, такмили усулҳои ташхис ва таҳияю пешниҳоди усули фаврии санҷиши симултанӣ ва дар мусбат арзёбӣ шудани ташхиси бодигармии чорво нисбат ба туберкулин нақши микобактерияҳои ғайрисилӣ калон аст. Ба ҳамин хотир, истифодаи штаммҳои Bacillus subtilis дар паст намудани фаъолнокии бактерияҳои ғайрисилӣ ва кам намудани миқдори ҳодисаҳои ғайрихоси бодигармӣ равона гардида, аҳаммияти баланди илмӣ ва амалӣ дорад. Татбиқи натиҷаҳои таҳқиқ имкон медиҳад, ки забҳи беасоси чорвои солим пешгирӣ карда шуда, зарари иқтисодӣ дар хоҷагиҳои чорводории ҷумҳурӣ коҳиш дода шавад;

баён шудани хусусиятҳои эпизоотологии паҳншавии микобактерияҳои ғайрисилии чорвои калони шохдор дар минтақаи таҳқиқшаванда ва мушкилоти амалии ташхиси беморӣ дар хоҷагиҳои хусусӣ, ки ба дарёфт ва татбиқи воситаҳои самараноки ташхиси микобактерияҳои ғайрисилӣ мусоидат намуданд;

ошкор гардид: дар натиҷаи тадқиқот сатҳи баланди аксуламалҳои парааллергӣ дар чорвои хоҷагиҳои мусоид ба бемории сил ва нокифоя будани самаранокии санҷиши яккаратаи туберкулинӣ дар шароити мавҷудияти микобактерияҳои ғайрисилӣ ошкор карда шуд. Ҳамзамон таҳлили муфассали вазъи эпизоотии бемории сили чорвои калони шохдор дар минтақаи ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон гузаронида шуда, самаранокии усулҳои мавҷудаи ташхиси туберкулинӣ дар шароити хоҷагиҳои инфиродӣ арзёбӣ гардид. Дар ҷараёни тадқиқот омилҳои таъсиррасон ба пайдоиши аксуламалҳои парааллергӣ ҳангоми санҷиши туберкулинӣ ва нақши микобактерияҳои ғайрисилӣ дар паст гардидани дақиқии ташхис муайян карда шуданд;

омӯхта шуд: таъсири омилҳои фаслӣ, синнусолӣ ва эпизоотологӣ ба натиҷаҳои санҷиши туберкулинӣ, инчунин робитаи эпизоотологию эпидемиологӣ байни сили ҳайвонот ва сили инсон дар минтақаи тадқиқот;

Дар тадқиқоти гузаронидашуда ба сифати моддаҳои таъсирбахш хайлҳои Bac. Subtilis BS TJ 09 ва TJ D26 аз коллексияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур истифода бурда шуд.

Дар кор хусусиятҳои антагонистии лаксубтил дар шакли ҳаб дар асоси хайлҳои Bac. subtilis тибқи нақша омӯхта шуд;

аз нав такмил додани усулҳои ташхиси бодигармии бемории сил, ки дар асоси онҳо шакли мукаммалтари санҷиши симултании туберкулинӣ пешниҳод гардид. Моҳияти усули такмилдодашуда дар он ифода меёбад, ки дар марҳилаи аввал санҷиши ибтидоии туберкулинӣ гузаронида шуда, пас аз 72 соат ба ҳайвоноти дорои аксуламали мусбатдошта бо фосилаи 10–15 см СХТ-туберкулин барои ширхӯрон ва АММҒ такроран ворид карда шуд. Ҳамзамон таъсирнокӣ ва фаъолнокии бактериявии ҳайлҳои Bacillus subtilis нисбат ба микобактерияҳои ғайрисилӣ муайян карда шуданд;

Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешавад:

1. Тавсияҳои методӣ доир ба ташхиси патологоанатомии туберкулёзи чорвои калони шохдор», ки аз ҷониби Хадамоти давлатии назорати ветеринарии Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми июни соли 2017 ба тасдиқ расонида шудааст;

2. “Дастури методӣ оид ба гузаронидани санҷиши аллергении якваҷта бо истифодаи маводи ташхисии туберкулин барои ширхӯрон ва аллерген аз маҷмӯи микобактерияҳои ғайрихос (ММҒ) ҳангоми ташхиси бемории сил”, ки аз ҷониби Хадамоти давлатии назорати ветеринарии Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12-уми январӣ соли 2016 ба тасдиқ расонида шудааст.

3. Қарори мусбат оид ба гирифтани патент дар мавзуи «Тарзи ташхиси фаврии сили чорвои калони шохдор» аз 13 августи соли 2025;

муайян карда шуд, ки дар хоҷагиҳои шартан мусоид, ки дар онҳо сенсибилизатсияи ҳайвонот бо микобактерияҳои ғайрисилӣ муқаррар карда шудааст, гузаронидани санҷиши симултанӣ бо СХТ -туберкулини барои ширхӯрон ва АММҒ тавсия карда мешавад. Бо мақсади пахш намудани аксуламалҳои ғайрихоси туберкулинӣ истифодаи пробиотики лаксубтил, ки аз ҳайлҳои BS TJ D24 ва B5 TJ D26 таркиб ёфтааст, тавсия карда мешавад. Тадқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои он барои мутахассисони тибби байторӣ, муҳаққиқони соҳа ва омӯзгорон арзиши баланд дошта, онҳоро метавон ба барномаҳои таълимии донишҷӯён, магистрҳо ва аспирантҳои соҳаи байторӣ ворид намуд;

офарида шуд: заминаи илмӣ-амалӣ барои такмили минбаъдаи усулҳои ташхиси тафриқавии бемории сили чорвои калони шохдор, ки ба он натиҷаҳои таҳлили вазъи эпизоотӣ, арзёбии самаранокии усулҳои мавҷудаи ташхиси туберкулинӣ, истифодаи санҷиши симултании такмилёфта асос ёфтаанд. Заминаи офаридашуда имконият медиҳад, ки

дақиқӣ ва эътимоднокии ташхис баланд бардошта шуда, ҳолатҳои бардурӯғи мусбат коҳиш дода шаванд ва чорабиниҳои зиддисилӣ дар хоҷагиҳои чорводорӣ самаранок ба роҳ монда шаванд.

муаррифӣ карда шуд: барои мутахассисони соҳаи ветеринарии ҷумҳурӣ тавсияҳои методӣ оид ба ошкор ва фарқгузории ҳолатҳои бардурӯғи аксуламалҳои бодигармӣ ҳангоми ташхиси бемории сили чорво бо истифода аз СХТ-туберкулин барои ширхӯрон, ки ба баланд бардоштани дақиқӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои ташхис мусоидат менамоянд, муаррифӣ карда шуд.

Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқот: Кори диссертатсионии Исвалиев Сино Мирзоназарович дар сатҳи баланди илмӣ ва методологӣ иҷро гардидааст. Хулосаҳои асосии диссертатсия дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи маълумоти эпизоотологӣ, микробиологӣ ва молекулавӣ таҳия шуда, дорои асоснокии илмӣ ва аҳаммияти амалӣ мебошад.

Саҳеҳият ва эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада бо гузаронидани санҷишҳои бисёркаратаи бодигармӣ, истифодаи усулҳои муътамад ва стандартии тадқиқотӣ, инчунин таъсирнокӣ ва фаъолнокии бактериявии ҳайлҳои Bacillus subtilis нисбат ба микобактерияҳои ғайрисилӣ муайян карда шуданд. Истифодаи ин усулҳо имконият дод, ки сатҳи баланди дақиқӣ ва такроршавандагии натиҷаҳои тадқиқот таъмин карда шавад.

Назарияи таҳқиқот бар асоси маълумоти илмии эътирофшуда ва санҷидашудаи муаллифони ватанию хориҷӣ бунёд ёфта, бо натиҷаҳои қаблан нашршудаи таҳқиқоти илмӣ дар самти мавзуи диссертатсия мувофиқат ва пайдарҳамии мантиқӣ дорад. Ин ҳолат дурустии самти интихобшудаи тадқиқот, инчунин эътимоднокӣ ва асоснокии хулосаҳои илмии пешниҳодшударо пурра тасдиқ менамояд.

Ғоя ба таҳлили натиҷаҳое асос ёфтааст, ки дар ҷараёни гузаронидани ташхисҳои бодигармии туберкулинӣ ба даст оварда шудаанд. Дар раванди тадқиқот маҷмӯи васеи маълумот оид ба сатҳи аксуламалҳои носаҳеҳ, хусусиятҳои фаслӣ, омилҳои хавф, инчунин самаранокии усулҳои мавҷудаи ташхис ҷамъоварӣ ва таҳлил карда шуд.

Ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада бо маълумоти таҳқиқотии муаллифони маъруфи дохилӣ ва хориҷӣ муқоиса гардида, монандиҳо ва фарқиятҳои илмӣ муайян карда шуданд. Дар асоси таҳлили муқоисавӣ тавсияҳои илмӣ-амалӣ ҷиҳати такмили назорати эпизоотологӣ, баланд бардоштани дақиқияти ташхиси саривақтӣ ва пешгирии паҳншавии бемории сил таҳия ва пешниҳод гардиданд.

истифода шудаанд: дар ҷараёни таҳқиқот манбаъҳои адабии дастрас, ки аз ҷониби муаллифони ватанию хориҷӣ вобаста ба мавзуи рисола пешниҳод гардидаанд, истифода шуданд. Сарчашмаҳои илмӣ маълумоти муҳими назариявӣ ва амалӣ оид ба хусусиятҳои эпизоотологии бемории сил, роҳҳои паҳншавии он, усулҳои маъмул ва муосири ташхис ва чораҳои назорати бемориро дар шароити хоҷагидории инфиродӣ дар бар мегиранд.

Таҳлили муқоисавии ин манбаъҳо имкон фароҳам овард, ки самтҳои афзалиятноки таҳқиқот муайян карда шуда, натиҷаҳои бадастомада дар заминаи донишҳои муосири илмӣ арзёбӣ ва асоснок гарданд.

муайян шудаанд: дар хоҷагиҳои нисбат ба бемории сили чорвои калони шохдор мусоид барои ташхиси ибтидоии он истифодаи СХТ-туберкулин барои ширхӯрон 0,2 мл мувофиқи мақсад мебошад. Ҳамзамон, барои гузаронидани ташхиси дақиқи тафриқавӣ ва баҳисобгирии саҳеҳи аксуламалҳои бодигармӣ дар чунин хоҷагиҳо истифодаи санҷиши фаврии симултании туберкулинӣ бо СХТ-туберкулин барои ширхӯрон ва АММҒ мувофиқи мақсад мебошад.

истифода шудаанд: дар ҷараёни таҳқиқот чорвои калони шохдор дар хоҷагиҳо ҳамчун объекти тадқиқот истифода шуд. Натиҷаҳои санҷишҳои бодигармии туберкулинӣ имконият фароҳам оварданд, ки дар хоҷагиҳои нисбат ба бемории сил мусоид ҳайвоноти ба ин беморӣ мутаасиргашта саривақт муайян карда шаванд.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ: Муаллиф мустақилона маводи илмиро ҷамъоварӣ намуда, таҳлили адабиёти марбут ба мавзуи рисола, муайянсозии ҳадаф ва вазифаҳои тадқиқот, инчунин таҳияи дастурамали методӣ барои ташхис ва мубориза бо бемориҳои сироятии чорвои кишоварзиро ба сомон расонидааст.

Тадқиқоти бактериологии намунаҳои аз ҳайвоноти сироятёфта гирифташуда, ки ба туберкулин, аллергени маҷмуӣ аз микобактерияҳои ғайрисилӣ (АММҒ) ва намунаҳои объектҳои муҳити беруна вокуниш нишон медиҳанд; тадқиқи хусусиятҳои парвардагӣ–морфологӣ, биологии микобактерияҳо, банақшагирӣ ва бевосита ба иҷро расондани тадқиқот ва таҳлили ҷамъбастии натиҷаҳои бадастоварда. Муаллиф дар таҳияи нақшаи озмоишҳо, таҳлили натиҷаҳо, таҳияи маводи чопӣ, тартиб додани рисола ва автореферат фаъолона иштирок намуда, хулосаҳои амалиро асоснок ва пешниҳод кардааст.

Дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-039 рӯзи 10 июли соли 2026 қарор қабул гардид, ки ба Исвалиев Сино Мирзоназарович дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздихии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 8 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ ширкат доштанд, аз он 2 нафар доктори илм бо ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо захрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ) мебошанд. Овоз доданд: тарафдор "8"- нафар, муқобил - нест, бетараф "нест", варақаҳои беэътибор карда шуда - нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ветеринарӣ **Амирбеков Мулоҷон**

Котиби шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои ветеринарӣ **Ҳасанов Фируз**

10 июли соли 2026